# ТАҚРИЗИ

*муқаррризи расмӣ ба рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар мавзуи* ***«Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо»*** *барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ)*

*Мутобиқати рисолаи илмӣ ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси *6D050305– Психологияи иҷтимоӣ* аз ҷумла: ба *банди* 2 – қонуниятҳои муошират ва баҳамтаъсиррасонии одамон; тарафи иртиботии муошират (хусусиятҳои хоси робитаҳои байни одамон; намудҳои иртибот; воситаҳо: иртиботи шифоҳӣ ва ғайришифоҳӣ; самаранокии раванди иртиботӣ; хусусиятҳои иртиботи оммавӣ); тавсифдиҳандаҳои иҷтимоӣ-психологии низоъҳои иҷтимоӣ ва байнишахсӣ; *банди* 3 – Психологияи иҷтимоии гурӯҳҳо: гурӯҳ ҳамчун предмети таҳқиқоти психологияи иҷтимоӣ; таснифоти гурӯҳҳо; психологияи муносибатҳои байнигурӯҳӣ (механизмҳои идроки байнигурӯҳӣ; самаранокии фаворитизми дохилигурӯҳӣ ва табъизи байнигурӯҳӣ); *банди* 4 – Психологияи иҷтимоии шахс: хусусиятҳои раҳёфти иҷтимоӣ-психологӣ ба фаҳмиши шахс; таносуби шахс ва гурӯҳ дар психологияи иҷтимоӣ; Ман-консепсия ҳамчун натиҷаи рушди иҷтимоии шахс; ҳувияти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ ва худмуайянкунии ҳаётӣ; раванди иҷтимоишавӣ дар шароитҳои тағйирёбии ҷаҳон; *банди* 5- Воситаҳои амалии психологияи иҷтимоӣ: соҳаи муносибатҳои оилавӣ ва тарбия; хусусиятҳои таҳқиқот ва корҳои амалии иҷтимоӣ-психологӣ дар шароитҳои тағйироти иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Рисолаи унвонҷӯй Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ ба мавзуи барои ҷомеаи кунунии Тоҷикистон мубраму ҳалталаб – зуҳуроти рафтори агрессивӣ дар наврасон ва роҳҳои пешгирии он бахшида шудааст.

Масъалаи таълиму табияи насли наврас аз масалаҳое мебошад, ки аз ҳалли босамаи он рушду суботи кишвар ва ояндаи дурахшони он вобаста аст, зеро ояндаи давлату кишвар дар дасти наврасону ҷавонони имрӯза қарор хоҳад дошт. Беҳуда нест, ки муҳиммии масъалаи мазкур дар суханрониҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ, Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид гардидааст. Аз ин рӯ, таълиму табияи дурусти насли наврас, пешгириҳои зуҳуроти номатлуб, дар ташаккулу рушди онҳо аз масъалаҳои доғи рӯз маҳсуб меёбанд. Яке аз чунин зуҳурот – ин рафтори агресивии наврасон мебошад, ки мутаассифона солҳои охир на танҳо дар кишвари мо, балки дар тамоми дунё аз масъалаҳои ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Бо дарназардошти ин, гузаронидани таҳқиқот дар самти мазкур, коркарди барномаҳо ва амсилаҳои пешгиринамоӣ ва ислоҳнамоии рафори агрессивии наврасон масъалаҳои мубрамест, ки назди илми психология меистад.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:* Унвонҷӯ бо дарназардошти асосҳои методологӣ-бунёдӣ ва аҳаммияти амалии таҳқиқот, баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллуфасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи ӯ масъалаи ислоҳнамоӣ ва пешгиринамоии рафтори агрессивии наврасон дар шароити таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми назария ва амалияи психология маҳсуб меёбад. Воқеан, роҳнамоии психологӣ-педагогии омӯзгорону волидон дар самти пешгиринамоӣ ва ислоҳи рафтори агрессивии наврасон кафили батарафгардии зуҳуроти мазкур баланд гардидани самаранокӣ ва сифати таҳсилоти хонандагон мегардад. Ба андешаи унвонҷӯй пешгирии рафтори агрессивӣ дар кӯдакону наврасон масъалаи мураккаб ва гуногунҷанбаест, ки танҳо дар сурати ҳамкории зичи ниҳодҳои гуногуни иҷтимоӣ аз қабили оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, расонаҳо, шуъбаи кор бо ноболиғони ВКД ва, умуман, ҷомеа имконпазир мегардад.

Эътимоднокии натиҷаҳои бадстомада, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшударо тарзи дурусти гузориши озмоиши муқарраркунанда, истифодаи методҳои ташхисии психологии эътимоднок, истифодаи методҳои коркардии омории натиҷаҳои бадастомада таъмин мекунанд.

• *Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:* Навгониҳои илмии диссертатсия мазкур дар нуктаҳои зерин ифода меёбад: бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташхис, таҳлили равонӣ ва арзёбии ҳамаҷонибаи сабабҳо ва омилҳои иҷтимоӣ-психологии зуҳури рафтори агрессивии наврасон анҷом дода шудааст; моҳияти мафҳуми «рафтори агрессивии наврасон» ба таври илмӣ шарҳ дода шуда, хусусиятҳои хоси зуҳури он дар ҷомеаи муосири тоҷик муайян гардидаанд; омилҳои асосии зоҳиршавии агрессияи наврасон дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян ва таҳлил шудаанд; тасниф ва тафриқаи шаклҳои рафтори агрессивии наврасон анҷом дода шуда, сабабҳо, хусусиятҳои зуҳури онҳо дар Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии чунин рафтор муайян карда шудаанд; тарз ва усулҳои назариявию амалии пешгирии рафтори агрессивӣ дар байни ҷавонон ва наврасон таҳия ва пешниҳод гардидаанд; робитаи агрессия бо як қатор хусусиятҳои шахсият, аз қабили экстраверсия, нейротизм, дурӯғгӯӣ ва ростгӯӣ, ошкор ва асоснок карда шудааст; хусусиятҳои ҷинсии рафтори агрессивӣ аз лиҳози оморӣ таҳлил ва исбот карда шудаанд; мавҷудияти робитаи аз ҷиҳати оморӣ аҳаммиятнок миёни сатҳи агрессия ва навъи муассисаи таълимӣ собит гардидааст.

Унвонҷӯй нуктаҳои зеринро барои дифо пешниҳод менамояд:

1. Агрессия ҳамчун шакли рафторе баррасӣ мегардад, ки ҳадафи он расонидани зарар ба объекти муайян буда, ба меъёрҳо ва қоидаҳои аз ҷониби ҷомеа пазируфташудаи рафтор мухолифат менамояд.

2. Кори ислоҳнамоӣ бо кӯдакони дорои рафтори агрессивӣ бояд мутобиқи тартиби мушаххас ва пайдарпай ба роҳ монда шуда, унсурҳои зеринро дар бар гирад: барқарор намудани алоқаи устувор бо кӯдак ва

ташаккули эҳсоси эътимод ба мутахассис; эътинои эмотсионалӣ ба ҳолатҳои агрессия ва оромсозии онҳо; бартараф намудани стереотипҳои патологӣ дар худбаҳодиҳӣ ва худқабулкунӣ; ташаккул ва таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшаванда.

3. Агрессияи кӯдакон ва наврасон дорои хусусияти ҷинсӣ буда, дар намояндагони ҷинсҳои гуногун ба тарзҳои мухталиф зоҳир мегардад: сатҳи агрессивнокӣ дар писарон нисбат ба духтарон баландтар мебошад.

4. Миёни зоҳиршавии рафтори агрессивӣ дар наврасон ва шакли ташкили муассисаи таълимӣ робитаи аз лиҳози оморӣ аҳаммиятнок вуҷуд дорад: дараҷаи агрессивнокӣ дар байни наврасони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нисбат ба литсейҳо ва гимназияҳо баландтар ба қайд гирифта мешавад.

5. Миёни сатҳи агрессия ва экстраверсия робитаи аз ҷиҳати оморӣ муҳим мушоҳида мегардад: ҳар қадар сатҳи экстраверсия баланд бошад, эҳтимоли зоҳиршавии рафтори агрессивӣ бештар мешавад.

6. Миёни агрессия ва нейротизм низ робитаи аз лиҳози оморӣ аҳаммиятнок мавҷуд аст: бо коҳиш ёфтани сатҳи нейротизм дараҷаи агрессия низ паст мегардад.

7. Миёни агрессия ва чунин хусусиятҳои шахсият, аз қабили дурӯғгӯӣ ва ростгӯӣ, робитаи аз ҷиҳати оморӣ фарққунанда муайян карда шудааст.

Нуктаҳои мазкур аз он далолат мекунанд, ки унвонҷӯй дар самти таҳлили назариявии масъалаи мавриди назар ва таҳқиқи озмоишии он кори бузургеро анҷом додааст.

*Аҳаммияти илмӣ, амалї ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо:* Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маълумоти бадастомада дар раванди озмоиши муқарраркунандаи психологӣ ба даст омада, эътимоднокии онҳо бо методҳои таҳлили оморӣ асоснок гардидааст. Ин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои рисолаи илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодшуда аз ҷониби омӯзгорону

волидон, кумитаҳои кор бо ҷавонон барои ташкили дурусти кори пешгиринамоӣ ваислоҳнамоии рафтори агрессивии наврасон мариди истифода қарор гиранд. Дар баробари ин, хулосаҳои бадастомадаро метавон дар таҳия намудани барномаҳои таълимӣ, курсҳои махсус дар донишгоҳҳои омӯзгорӣ ҷиҳати шинос намудани донишҷӯён бо асосҳои кор дар самти пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ истифода намуд.

Боби якуми диссертатсия *"Омӯзиши падидаи агрессия дар илми психология ва илмҳои ба он алоқаманд"* ба таҳлили назариявии заминаҳои пайдоиши агрессия дар синни наврасӣ, омилҳои рушди он, роҳҳои ислоҳнамоӣ ва пешигиринамоии рафтори агрессивӣ дар наврасон бахшида шудааст. Ба андешаи унвонҷӯ рафтори агрессивии наврасон яке аз масъалаҳои ҷиддии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Аз натиҷаи таҳлили адабиёти марбута ӯ ба хулоса меояд, ки марҳалаи наврасӣ ба давраи хоси бухронии онтогенез тааллуқ дошта, бо рушди босуръати психофизиологӣ, ноустувории эмотсионалӣ, импулсивӣ, ҳассосияти баланд ва осебпазирии махсус нисбат ба таъсири муҳити иҷтимоӣ тавсиф мегардад. Агрессивнокӣ як ҷузъи рафтори муқаррарӣ твсиф карда мешавад, ки дар робита бо ангезаҳои гуногун ва дар шаклҳои гуногун барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳим ва рафъ ё бартараф кардани ҳамагуна монеа дар зӯроварии ҷисмонӣ ва ё равонӣ, ки ба нигоҳдории худ ва нигоҳдории намуд мусоидат мекунад, бароварда мешавад.

Унвонҷӯ олимонро аз рӯйи мавқеашон оид ба табиати агрессия ва омилҳои рафтори агрессивӣ шартан ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: гурӯҳи якум назарияҳоеро фаро мегирад, ки дар онҳо агрессивнокӣ ҳамчун хосияти модарзодӣ, ғаризавии фард маънидод карда мешавад (Дарвин Ч., Лоброзо Ч., Лебединская К.С., Фрейд З.). Гурӯҳи дуюмро консепсияҳое ташкил медиҳанд, ки агрессияро ҳамчун хусусияти бадастовардашудаи рафтор баррасӣ мекунанд (Берковиц Л. , Фурманов И.А.). Унвонҷӯ зимни таҳлили амиқи назариёти гуногун ба хулосае меояд, ки дар рафтори агрессивӣ ҳар ду

омил – ҳам ирсят ва ҳам муҳити иҳотакарда баробар таъсири ҳалкунанда доранд.

Дар боби мазкур мафҳумиҳои асосии дар таҳқиққот истифодашуда муайян карда шуда, принсипҳои психологӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии мусоидаткунанда ба ташаккули рафтори агрессивӣ дар наврасон асоснок карда шудаанд. Маводи мазкур дар навбати худ ҳамчун заминаи назариявӣ-методологӣ барои таҳияи амсила ва барномаи роҳнамоӣ хизмат мекунанд.

**Боби дуюми** рисолаи илмии Ғуломзода Сабзалӣ Файзалӣ *«Роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон ва интихоби методҳои таҳқиқотӣ»* унвон дошта, ба омӯзиши назари муҳаққиқони мухталиф оид ба роҳу воситаҳои пешгирии рафтори агрессивӣ дар наврасон ва инчунин тавсифи методҳои таҳқиқоти зуҳуроти мазкур бахшида шудааст.

Дар боби мазкур унвонҷӯ кӯшидааст бо дарназардошти таҳқиқоти навин дар ин самт, роҳу усулҳои пешгиринамоӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасонро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад. Ӯ барҳақ таъкид меекунад, ки барои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори наврас пеш аз ҳама омилҳои ба рафтори мазкур боисшавандаро ошкор сохтан зарур аст. Бо такя ба таҳлили адабиёти психологию педагогӣ унвонҷӯ омилҳои зеринро дақиқ мекунад, ки сабабгори агрессия дар давраи наврасӣ мегарданд: хусусиятҳои шахсиятӣ, синнусолӣ, муҳити оилавӣ, вазъиятҳои осебовари иҷтимоӣ, таъсири идеологӣ ва вазъи сиёсӣ дар ҷомеа.

Мувофиқ ба омилҳои болозикр ва аз рӯи натиҷаи таҳлили адабиёти марбута хулоса мегардад, ки кори ислоҳнамоӣ бо кӯдакони агрессивнок бояд аз рӯи тартиби дақиқ амалӣ гардида, унсурҳои зеринро фаро гиранд: алоқа бо кӯдак ва дар ӯ ба вуҷуд овардани эҳсоси боварӣ ба мутахассис; эътинонамоии эмотсионалии агрессия ва оромнамоӣ; бартарафнамоии стререотипҳои потологии эътинонамоӣ ва қабул намудани худ; коркард ва таҳкими малакаҳои рафтори мутобиқшавандагӣ.

Дар боби мазкур инчунин методикаҳои барои ташхис кардани хусусиятҳои психологии наврасони зоҳиркунандаи рафтори агрессивӣ тавсиф карда мешаванд. Дар таҳқиқот методикаҳои зеринро интихоб гардиданд: методикаи ташхиси таъҷилии хусусиятҳои характерологии шахси Айзенк дар модификатсияи Т.В. Матолин; тести ташхиси агрессивнокии Басс – Дарк.

Дар **боби сеюми** диссертатсия – *"Таҳқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта"* бо истифодааз методҳои омории коркарди иттилооти аз таҳқиқот бадастомада натиҷаҳои таҳқиқот мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар боби мазкур тамоми фарзияҳои таҳқиқот бо истифода аз методҳои таҳлили омории натиҷаҳои бадастомада тасдиқи худро пайдонамуданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ба андешаи мо, диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ) таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта дар соҳаи илми психологияи иҷтимоӣ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории рисолаи илмӣ.** Диссертатсия ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба додани дараҷаҳои илмӣ пурра мувофиқ мебошад ва муаллифи он Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ) сазовор мебошад.

**Автореферати** рисолаи илмӣ ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва тасвирҳо таъминаст.

Диссертатсия тибқи муқарраpоти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва муттасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

***Эродҳо ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:***

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд:

1. Дар кор зербоби алоҳида ба масъалаи пешгирии рафтори агрессивии наврасон бахшида шудааст, вале дар қисмати озмоишии кор таҳқиқи амалии раванди пешгиринамоӣ ва ислоҳнамоӣ ба назар намерасад.

2. Ба андешаи мо хуб мебуд, агар барнома ва амсилаи пешгиринамоии рафтори агрессивӣ таҳия гардида, дар қисмати озмоишӣ самаранокии он санҷида мешуд.

3. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои грамматикӣ ва техникӣ дучор мешаванд, ки бартараф намудани онҳо мувофиқи мақсад мебуд.

Камбудиҳои зикршуда арзиши илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалиро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи мавриди назар, диссертант далелу маводи заруриро ба таври возеҳва васеъ истифода кардааст. Муаллиф аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо ба таври бояду шояд анҷом додааст.

## ХУЛОСАИ ҶАМЪБАСТӢ

1. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил гардида, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияҳои таҳқиқот тасдиқи худро ёфтаанд.

3. Диссертатсияи Ғуломзода Сабзалӣ Эмомалӣ дар мавзуи **«Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо»** барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ), ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои психологӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050305 – Психологияи иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои психологӣ, дотсенти
кафедраи психологияи иҷтимоӣ ва касбии
МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Б. Ғафуров" Зайтметов Ҳ.А.
"30" 01 соли 2026

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Почтаи электронӣ: zaytmetovk@mail.ru
Тел: (+992) 92 991-11-03

Имзои Ҳ.А. Зайтметовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» Сайдуллозода З.С.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС